Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014 назди
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
(ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати рисолаи диссертатсионии Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзуи “Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Дар шароити иқтисодӣ бозорӣ ва рушди ҷараёнҳои ҷаҳонишавии иқтисодию молиявӣ ташаккул ва тақвияти маърифати молиявии аҳолӣ, сохторҳои гуногуни институтҳои молиявӣ, алалхусус низоми бонкӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз талаботҳои рӯзафзуни даврон ба шумор меравад. Баланд бардоштани дониши молиявии мардум, ташаккули маърифату тафаккури молиявӣ дар мамлакат, заминаи асосии болоравии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва рушди бемайлони хизматрасониҳои молиявӣ хоҳад гардид.

Бинобар сабаби мураккаб шудани низоми молиявӣ дар шароити вусъат ёфтани раванди ҷаҳонишавӣ, инчунин ба вуҷуд омадани доираи нави маҳсулот ва хизматрасониҳои аз ҷиҳати молиявӣ мураккаб дар назди ҷамъият масъалаҳои нисбатан мушкилро мегузоранд, ки аҳолӣ барои ҳалли онҳо омода нест. Дар ин низоми малакаҳо ва қоидаҳои рафтор, маърифати молиявӣ яке аз унсурҳои муҳимтарини ҳалли ин масъала ба хисоб меравад. Маърифати молиявӣ бевосита ба ҳама табақаи аҳолӣ мухим ба шумор рафта ба воридшавии воситаҳои молиявии шаҳрвандон ва устувор гардонидани устувории молиявии мамлакат мусоидат менамояд. Бо баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ ҳамҷоя бозори молиявӣ рушд карда ба низоми бонкӣ, пасандозҳои аҳолӣ бештар ҷалб мегарданд. Бинобар ин, мавзуи диссертатсионии муаллиф мубрам ва ҳозирзамон ба ҳисоб меравад.

Тавре ки муаллиф дар автореферат қайд намудааст (саҳ. 9-10) то ба имрӯз таърифи ягонаи “маърифати молиявӣ” қабул карда нашудааст. Таърифи он дар адабиётҳои иқтисодӣ бо зайлҳои гуногун оварда шудааст. Вобаста ба ин, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки моҳияти иқтисодии маърифати молиявии аҳолиро пажӯҳиш намуда, нақши савияи донишҳои молиявии аҳолиро дар пешбурди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ баҳогузорӣ намояд.

Дар автореферат паҳлуҳои назарявию амалиявии мавзуи таҳқиқшаванда таҳия ва пешниҳод гардидаст, ки дар он ақидаҳои олимони

ватанию хориҷӣ ва андешаҳои худи муаллиф пешниҳод гардидааст. Ақидаи муаллиф оиди таърифи маърифати молиявӣ ҳамчун қобилияти муайяни инсон барои расидан ба ҳадафҳои молиявӣ ҷиҳати беҳ гардонидани фаъолияти молиявии худ, ки бо таҳқиқоти олими рус - О.А. Круковская (расми 1, саҳ. 11) асоснок карда шудааст, боиси дастгирӣ ва эътимоднок будани онро исбот менамояд.

Дар автореферати кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф таҷрибаи хориҷӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифтааст, ки дар он барои баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои асосӣ ба монандӣ: ҷалби таваҷҷӯҳи шаҳрвандон ба масъалаи маърифати молиявӣ, баланд бардоштани сатҳи огоҳии шаҳрвандон дар бораи зарурати такмили дониши молиявии худ, таъмини амнияти иқтисодии хонаводаҳо, тарбияи фарҳанги қабули қарорҳои масъулиятноки мустақилонаи хонаводаҳо дар соҳаи иқтисод ва молия, ташаккули тафаккури нав дар байни шаҳрвандон, ки муносибат ба рафтори фаъоли иқтисодиро дар бар мегирад ва ғайраҳо мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар асоси маълумотҳои омории Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюлҳои муосири инкишофёбии низоми бонкии мамлакат, муассисаҳои карзӣ, низоми бонкӣ ва сохторҳои хизматрасонии онҳо, инчунин мӯҳимияти ҷалби пасандозҳои аҳолиро дар заминаи болоравии даромади аҳолӣ, алалхусус музди меҳнат барои ташаккули бозори молия дар шароити ноустувории молиявии мамлакат таҳлил намояд.

Дар автореферати диссертатсия модели консептуалии баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ (саҳ. 19) аз ҷониби муаллиф тахия ва пешниҳод гардидааст, ки тибқи он ташаккулёбии стратегияи баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ бояд дар асоси рушди ҳамҷояи унсурҳои фарҳанги молиявӣ ва рафтори молиявии аҳолӣ ташкил карда шавад. Инчунин, дар ин раванд нақши муҳимро алоқамандии низоми бонкии ҷумҳурӣ бо аҳолӣ мебозад, чунки маърифати молиявии аҳолӣ дар натиҷаи ҳамкории зичи байни инҳо ташаккул ёфта, рушд менамояд.

Ақидаи муаллиф оиди ба роҳ мондани фани таълимии "Маърифати молиявӣ" барои таълим гирифтани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна (илова намудан ба барномаи таълимии синфи 11) қобили дастгирист.

Дар қатори ҳамаи ин бояд зикр намуд, ки бо вуҷуди ин комёбиҳо, дар автореферат баъзе эродҳо низ ба мушоҳида расид, ки ба назар гирифтани онҳо аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд, аз ҷумла:

- Дар автореферати диссертатсия аз ҷониби муаллиф бениҳояд миқдори зиёди ҷадвал, расм ва диаграммаҳо ҷой карда шудаанд, метавонист онҳоро дар шакли замима ба диссертатсия пешниҳод менамуд ва дар автореферат бошад миқдори онҳоро кам мекард.

Бояд тазаккур дод, ки тавсияи зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонад ва метавонад аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шавад.

Дар умум, баъди дида баромадани автореферати мазкур, кори Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзӯи "Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ" таҳқиқоти анҷомёфта ба шумор рафта он ба талаботҳои меъёрҳои Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои
иқтисодӣ, дотсент Асрорзода У.С.

Имзои Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода У.С.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5+992(37) 234-88-02; +992(37) 234-88-24 e-mail: info@iutet.tj www: www.iutet.tj